**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи илмии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин аз ҷихати муҳтаво ва аҳамияти илмии хеш актуали буда, тадкиқоти ҷиддие дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ба шумор меравад.

Аз автореферати диссертатсия баръало маълум мегардад, ки пажуҳиши мавриди назар аз мукаддима, ду боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

Қисмати мукаддимаи диссертатсияи илми мувофики талаботи ин намуди корхои илми таҳия гардида, дар он муаллиф аз мухиммияти интихоби мавзӯъ, дараҷаи таҳкики мавзӯъ, мақсаду вазифахои пажуҳиш, бозёфтхои илми, метод ва методологияи тадкикоти илми, арзиши амалию назарии диссертатсия ва хамчунон, масъалахои мехвари барои дифоъ маълумот додааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои мукаддимавии диссертатсия аз ҷихати масъалагузори ва муаррифии онҳо дар доираи талабот ба ин гуна корҳои илми таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Ба хамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пурраги дар бар гирифта, тарзи нигариши он аз мустақилияти фикри, пажуҳишхои илми ва кушиши навгуйии муаллиф дарак медихад. Ҷанбахои илми, методологи, мантики ва имлоию услубии автореферат кави буда, ба талабот ҷавобгу мебошанд.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии тадкиқот, моҳияти

амалии тадкиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи тадкиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадкиқот ва сохтори рисола меравад.

**Боби якуми рисола “Асосҳои назариявии ҷараёни тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боби мазкур мазмун ва хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанҳои таъриху кишваршиносӣ тадкиқ гардидааст, ки зимни муайян намудани меъёрҳои ватандӯстӣ ба назар гирифтани моҳият ва сохтори мафҳуми «ватандӯстӣ», ки шомили зиёди тадбирҳо мебошад, дорои аҳамияти хоса мебошад. Вобаста ба ин меъёрҳои маърифати ватандӯстиро унвонҷӯ мушахас намудааст ва дар асоси меъёрҳои маълум сатҳи маърифатнокии мактаббачагонро дар доираи панҷ дараҷа, яъне дараҷаи хеле баланд, дараҷаи баланд, дараҷаи миёна, дараҷаи паст ва дараҷаи хеле паст тасниф кардааст. Сатҳҳои ҷудокардашудаи маърифатнокии ватандӯстӣ, албатта, шартӣ мебошанд ва метавонанд тағйир ёбанд.

**Боби дуюми рисола “Тадкиқоти озмоишӣ доир ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”** ном дошта, дар меҳвари ин боб масъалаҳои тавсифи тадкиқи озмоиши тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ, таҳлили натиҷаҳои тадкиқоти таҷрибавӣ оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои таърихи кишваршиноси тадкиқ ва баррасӣ шудаанд.

Натиҷаи коркарди корҳои назарсанҷӣ ва умуман корҳои озмоишӣ тариқи ҷадвалу диаграммаҳо мувофиқи мактабу минтақаҳо мушаххас бо усули оморӣ дуруст ва нишонрас манзур шудааст.

Пас аз ҳар боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои тадкиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амали холи нест.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф рисола мӯҳтавои рисоларо инъикос менамояд.

Тадкиқоти назариявӣ ва озмоишии доиркардашуда ба амали шудани ҳадафи рисола мусоидат намуда, фарзияи рисоларо дар бораи тавассути фаъолиятҳои фориғаздарсӣ тақвият бахшидани тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ асоснок намуд.

Хулоса, диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» саҳифаи тозае дар тарбияи ватандӯстии хонандагон шумор рафта, таълифоти мукаммал ба шумор меравад ва муаллифи он сазовори номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Рузиева Лола Толибовна**

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Телефон:** (+992) 945 8810 88
**E-mail:** akila.ru@mail.ru

*Имзои Л.Т.Рузиеваро тасдиқ мекунам*

**Сардори РК ва КМДМТ** **Тавқиев Э.**

28.08.24